**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид диссертатсияи диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

*12 декабри соли 2023* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Аминов И., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Ҷамшедов М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия; Толибов Қ.Қ., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Сафаров Ҷовидон Азизмадович **хулосаи** зеринро қабул намуд:

### *I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ*

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Сафаров Ҷовидон Азизмадович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович, 04 марти соли 1990 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович соли 2008 ба Донишгоҳи давлати тиҷорати Тоҷикистон дар шуъбаи рӯзонаи ихтисоси молшиносӣ ва экспертизаи молҳо дохил шудааст. Донишгоҳи номбурдаро аз рӯи ихтисоси мазкур соли 2012-ум бомуваффақият хатм намуда, соҳиби тахассуси молшинос гардидааст.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович аз соли 2012 то инҷониб ба ҳайси ассистент ва муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор мекунад.

Солҳои 2014-2015 магирстратураи Донишгоҳи иқтисод ва савдои шаҳри Гомели Ҷумҳурии Белоруссияро бо ихтисоси иқтисоди ҷаҳон хатм намудааст.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович аз моҳи октябри соли 2017 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон буда, мавзуи “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” –ро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Мавзуи диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар ҷаласаи шурои олимони донишгоҳ аз 06 марти соли 2018 қарори № 9 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Қурбонов Абдукарим Раҳимович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

### II. *Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ*

Диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи « Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06-Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### III. *Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 3 мақола дар алоҳидагӣ нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### IV. *Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:
   - Низомова Туҳфамо Давлатовна – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
   - Валиев Низомиддин Шаробудинович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
2. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.
3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор — Аминов И.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., дотсент — Ҷамшедов М.

д.и.и., дотсент — Толибов Қ.Қ.